**ТАҚРИЗИ**

**роҳбари илмӣ ба таҳқиқи диссертатсионии Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) пешниҳод шудааст**

**Мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ**. Дар шароити муосири рушди иқтисоди ҷаҳонӣ рақобатпазирии минтақаҳо ҳамчун омили калидии рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо баромад мекунад. Минтақаҳо бо роҳи истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда ва имкониятҳои маркетингӣ бартариятҳои рақобатии худро ташаккул ва таҳким мебахшанд. Татбиқи ислоҳоти бозорӣ ва сиёсати созанда ба рушди устувори иқтисодиёти минтақа мусоидат намуда, барои истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда шароити мусоид фароҳам овардааст. Бо вуҷуди ин, масъалаҳои такмили фаъолияти маркетингӣ, таҳияи стратегияҳои рақобатӣ ва баланд бардоштани рақобатпазирии корхонаҳои савдо ва истеҳсолӣ то ҳол пурра ҳал нашудаанд. Аз ин лиҳоз, таҳияи асосҳои назариявӣ, методологӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи имкониятҳои маркетингӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирӣ дар бозори озуқаворӣ дорои аҳаммияти баланди илмӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳамроев Б. А. соли 2002 ба факултети иқтисодиёт ва менеҷменти Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе дохил шуда, соли 2007 донишгоҳи мазкурро аз рӯйи ихтисоси низоми иттилоотӣ дар иқтисодиёт хатм намуда, соҳиби дипломи мутахассис гардидааст.

Фаъолияти меҳнатии худро соли 2007 ба ҳайси ассистенти кафедраи маркетинг ва тиҷорати донишгоҳи мазкур оғоз бахшида, сипас бо тариқи гузариш ба вазифаи муаллими калони кафедраи тиҷорат ва ҳуқуқи Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд» интиқол гардида, то соли 2021 фаъолият намудааст. Аз моҳи сентябри соли 2021 то ҳол дар вазифаи муаллими калони кафедраи менеҷмент ва маркетинги Донишкадаи мазкур фаъолияти омӯзгорӣ дорад.

Кори диссертатсионии Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ асоснок карда шудааст ва дараҷаи омӯзиши масъалаи илмӣ арзёбӣ гардида, объект ва мавзуи таҳқиқ, ҳадаф ва вазифаҳои он, асосҳои назариявӣ ва методологӣ, навгониҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ муайян карда шудаанд.

**Дар боби якум –** «Асосҳои назариявию методии таҳқиқи имкониятҳои маркетингии таъмини рақобатпазирии минтақа» – масъалаҳои назарияи маркетинг дар низоми таъмини рақобатпазирии минтақа, равияҳои методии арзёбии имкониятхои маркетингӣ дар сохтори рақобатпазирии иқтисодиёти минтақавӣ, инчунин таҷрибаи хориҷии истифодаи имкониятҳои маркетингӣ ҷиҳати баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Дар боби мазкур таҳқиқоти назариявӣ ва методологӣ оид ба имкониятҳои маркетингӣ барои таъмини рақобатпазирии минтақа анҷом дода шудааст. Назарияи маркетинг дар заминаи рушди рақобатпазирии минтақа таҳлил гардида, равияҳои методии арзёбии имкониятҳои маркетингӣ дар низоми иқтисодиёти минтақавӣ баррасӣ шудаанд. Ҳамчунин таҷрибаи хориҷӣ ва усулҳои татбиқи имкониятҳои маркетингӣ барои тақвияти рақобатпазирии иқтисодиёт дар сатҳи минтақа омӯхта шудаанд.

**Дар боби дуюм –** «Вазъи муосир, тамоюлот ва муаммоҳои истифодаи имкониятҳои маркетингии таъмини рақобатпазирӣ дар вилояти Сугд» – таҳқиқоти амалӣ оид ба истифодаи имкониятҳои маркетингӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғд пешниҳод шудааст. Дар ин боб стратегияҳои истифодаи имкониятҳои маркетингӣ дар соҳаи истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ таҳлил гардида, ҳамзамон омилҳои бозорӣ, ки ба рақобатпазирии минтақавӣ ва фаъолияти ташкилотҳо ва корхонаҳои соҳибкорӣ таъсир мерасонанд, муайян карда шудаанд.

**Дар боби сеюм –** «Самтҳои афзалиятноки истифодаи имкониятҳои маркетингии баланд бардоштани рақобатпазирии минтақа» – қарорҳои ташкилии маркетингӣ барои баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа таҳия гардида, иртиботи маркетингӣ дар низоми таъмини рақобатпазирии корхонаҳои савдо ва истеҳсолии вилояти Суғд муайян шудааст. Дар заминаи ин таҳлил, модели имитатсионии рақобатпазирии хоҷагии минтақавӣ таҳия гардида, роҳҳои самараноки истифодаи имкониятҳои маркетингӣ дар дурнамои стратегӣ пешниҳод шудаанд.

Исбот шудааст, ки истифодаи мақсаднок ва самараноки имкониятҳои маркетингӣ метавонад рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа ва самаранокии корхонаҳои савдо ва истеҳсолиро ба таври устувор баланд бардорад.

Дар хулоса ва пешниҳодҳо натиҷаҳои асосии таҳқиқи илмӣ ҷамъбаст карда шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва натиҷаҳои диссертатсия илман асоснок буда, бо далелҳои муътамади назариявӣ-методӣ ва таҳлилӣ мустаҳкам карда шудаанд. Муҳтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии нашргардида ва баромадҳои муаллиф дар конференсияҳои сатҳи гуногун инъикос ёфтаанд.

Хулоса, диссертатсияи Ҳамроев Бахтиёр Абдунабиевич дар мавзуи «Имкониятҳои маркетингии таъминоти рақобатпазирии иқтисодиёти минтақа (дар мисоли вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ба талаботи «Тартиби додани дараҷаи илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267) ва «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия» (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 марти соли 2021, №3) ҷавобгӯ буда, ҷиҳати сазовор гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (маркетинг) барои ҳимоя пешниҳод карда мешавад.

**Роҳбари илмӣ,**
д.и.и., профессори кафедраи
иқтисодиёти корхонаҳо
ва минтақаи ДДҲБСТ Бойматов А.А.

«16» 12 2024 с.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд,
маҳаллаи 31, хонаи 40а, ҳуҷраи 15
телефон: (+992) 927256676
e-mail: baymatov45@mail.ru

**Имзои Бойматов А.А.-ро тасдиқ менамоям.**
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДДҲБСТ, н.и.ҳ., дотсент Бобоев А. Х.

Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, микроноҳияи 17, хонаи 1.
телефон: +992(3422)2-38-11
факс: Факс:+992(3422)2-51-70
e-mail: Info@tsulbp.tj, tsulbp@rambler.ru

«16» 12 2024 с.